***УДК 332***
***ББК 65.042***

***ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА ҶАРАЁНИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ИҚТИСОДӢ (дар мисоли шаҳри Исфараи вилояти Суғд)***

***Шаропова Насиба Ҳафизовна,*** *саромӯзгори кафедраи "Иқтисодиёт ва менеҷмент"-и Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара (Тоҷикистон, ш.Исфара)*

***ФАКТОРЫ ВЛИЯНИЯ НА ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ (на примере города Исфары Согдийской области)***

***Шаропова Насиба Хафизовна,*** *ст. преподаватель кафедры экономики и менеджмента Исфаринского филиала ТУТ (Таджикистан, г. Исфара)*

***FACTORS OF INFLUENCE ON THE EFFECTIVE USE OF ECONOMIC RESOURCES [on the example of Isfara-Town of Sughd Viloyat]***

***Sharopova Nasiba Hafizovna,*** *senior lecturer of the department of economics and management under Isfara Filial of the Tajik Engineering University (Tajikistan, Isfara)* ***E-MAIL:*** *Sharopova89@inbox.ru*

***Калидвожаҳо****: минтақа, иқтидори минтақавӣ, иқтидори захиравӣ, истифодаи самаранок, методикаи баҳогузорӣ, иқтисодиёти минтақа, шаҳри Исфара*

*Масъалаҳои муҳимми истифодаи иқтидори захиравӣ ва аҳамияти он дар рушди иқтисодиёти минтақа баррасӣ шудааст. Омилҳои таъсиррасон ба раванди истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ дар буриши минтақаи алоҳида тадқиқ гардидааст. Собит шудааст, ки истифодаи ғайрисамараноки захираҳои иқтисодӣ бевосита дар нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди минтақа инъикос меёбад. Исбот гардидааст, ки амалигардонии механизмҳои истифодаи самараноки иқтидори захиравии минтақа гарави бомуваффақият ноил гардидан ба мақсадҳои стратегӣ мебошад.*

***Ключевые слова:*** *регион, региональный потенциал, ресурсный потенциал, эффективное использование, методика оценки, экономика региона, город Исфара*

*Рассматриваются важные аспекты использования ресурсного потенциала и его значение в развитии экономики региона. Исследованы и выявлены факторы, воздействующие на процесс эффективного использования ресурсного потенциала в разрезе отдельного региона. Обосновано, что неэффективное использование экономических ресурсов непосредственно отражается на социально-экономических показателях развития региона. Аргументировано, что реализация механизмов эффективного использования ресурсного потенциала региона является залогом успешного достижения стратегических целей его развития.*

***Keywords:*** *region, regional potential, resource potential, effective use, assessment methodology, regional economy, Isfara-town*

*The article dwells on the important aspects related with resorting to resource potential and its significance in the development of the regional economy. In her article the author considers and determines the factors affecting the process of effective use of resource potential in the context of a particular region. It is substantiated that inefficient use of economic resources directly affects socio-economic indices of the development of the region. It is proved that realization of mechanisms for an effective use of the region's resource potential is considered to be the key to successful achievement of the strategic goals of its development.*

Истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ барои вусъат бахшидани фаъолияти иқтисодиёти ҳар як минтақа басо муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин сабаб, минтақа ҳамчун тақсимкунандаи захираҳои иқтисодӣ нақши калидиро бозида, вазифаи истифодаи самарабахши захираҳои иқтисодиро ба зимма дорад. Истифодаи ғайрисамарбахши захираҳои иқтисодӣ метавонад ба сатҳи рушди иқтисодиёти минтақавӣ таъсири манфӣ расонад. Ҳолати мазкур ҳамон вақт ба миён меояд, ки агар низоми идоракунии минтақа сиёсати ягонаи устувор надошта бошад. Аммо барои мушаххас намудани ин мафҳуми иқтисодӣ, аввалан худ мафҳуми самарабахшӣ ва самарабахшии фаъолиятро баррасӣ мекунем.

Дар адабиёти иқтисодии аксари забонҳои роиҷи дунё мафҳуми самарабахширо бо истилоҳи "Эффективность" ифода мекунанд, ки аз вожаи "affectivus" гирифта шуда, маънои "натиҷаҳои матлуб", "асарбахшӣ" –ро дорад. Аз ин бармеояд, ки "самаранокӣ" ё самарабахшӣ мафҳумест, ки натиҷабахшии фаъолияти ягон низом ё субъекти хоҷагидориро мефаҳмонад [1, с. 16].

Барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа роҳҳои истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ, ба мисли дар амал ҷорӣ намудани техникаи нав, технологияҳои пешрафта, афзоиши фоида, афзоиши тавлиди маҳсулотро ҷустуҷӯ намудан зарур аст. Бино бар ин, самаранокии иқтидори иқтисодии минтақа дар умум ин истеҳсоли то ҳадди ниҳоӣ имконпазири маҳсулоти ба ҷомеа зарурӣ бо масрафи камтарини захира ба як воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки самаранокӣ мафҳуми мураккаби иқтисодӣ буда, ба он маҷмӯи омилҳо таъсир мерасонад, ки ин зарурати истифодаи иқтидори захиравии минтақаро ба миён меорад.

Омилҳо гуфта, шароит, сабаб, параметр ва нишондиҳандаҳое фаҳмида мешавад, ки ба муайян кардани иқтидори захиравӣ таъсир мерасонанд. Дар навбати аввал, ҳангоми таҳлили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа бояд ба омилҳои иқтисодӣ, институсионалӣ (ниҳодӣ) ва иҷтимоии инъикосгари рушди иқтисод, вазъи молиявӣ (даромад, хароҷоти буҷет) ва бахши иҷтимои маҳал таваҷҷуҳ бештар зоҳир карда шавад.

Бо назардошти мавҷудияти маълумоти саҳеҳи оморӣ ва таъсири воқеии ин ё он нишондиҳанда ба сатҳи устувории минтақа, мо нишондиҳандаҳои зеринро ҳамчун омилҳои таъсиррасон ба ҷараёни истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ интихоб намудем, ки онҳо дар шароити иқтисоди бозаргонӣ афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавиро муайян карда метавонанд. Воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа таъмини ҳамбастагии ҳамаи унсурҳои иқтидори захиравӣ мебошад. Ба таври муфассал унсурҳои сохтории иқтидори захиравии рушди минтақа дар расми 1 нишон дода шудааст.




***Расми 1.*** *Ҷузъҳои таркибии иқтидори захиравии рушди минтақа (муаллиф таҳия кардааст).*

Ҳамин тариқ, маҷмӯи нишондиҳандаҳои самаранокии соҳаҳои иқтисодии минтақаро баррасӣ намуда, қайд мекунем, ки низоми нишондиҳандаҳои мазкур бояд бо нишондиҳандаҳои самараи иҷтимоӣ ва муҳити зист такмил карда шаванд. Самараҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва муҳити зист бо ҳам алоқамандии мутақобил доранд. Агар самараи иқтисодӣ дар аксар маврид натиҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда бошад, пас самараи иҷтимоӣ ва муҳити зист оқибати муносибатҳои истеҳсолии ҷоригардида мебошанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар намуди рушди даромадҳои воқеии кормандон, истифодаи пурратару мутавозини захираҳои меҳнатӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, ташкили реҷаи меҳнат ва фароғат, беҳтар кардани ҳолати муҳити зисти киштзорҳо, такрористеҳсоли захираҳои табиӣ, ҳифзи саломатии одамон ва як қатор падидаҳои мусбати дигарро таъмин менамояд.

**Захираҳои табиӣ** яке аз омилҳои асосие мебошанд, ки ба фаъолияти самараноки соҳаҳои иқтисодӣ таъсири худро мерасонанд. Якум, тавассути азхудкунии манбаъҳои иқтисодии барқарорнашаванда, ки ба тамом шудани онҳо оварда мерасонад. Дуюм, тавассути вайрон кардани ҷараёни барқароркунии захираҳои табиии барқарор-шаванда аз ҳисоби истифодаи технологияҳои кӯҳна, манбаъҳои зиёд ва зиёновар, ки баъдан боиси вайрон шудани тавозуни экологӣ ва таназзул мегардад ва ба ин васила нерӯи иқтисодии минтақаро коҳиш медиҳад. Сеюм, истифодаи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот.

Аксар вақт, рушди минтақа аз мавҷудияти захираҳои табиӣ вобаста аст, аммо дар амал ин на ҳамеша меъёри ҳалкунандаи рушд буда метавонад. Дар иқтисодиёти ҷаҳон ҳолатҳое ҳастанд, ки он кишварҳое, ки аз захираҳои табиӣ бой ҳастанд, сатҳи баланди рушди иқтисодиро ба даст наовардаанд ва баръакс кишварҳое, ба мисли Исроил, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ тавассути истифодаи самараноки миқдори маҳдуди захираҳо ба нишондиҳандаҳои баланди рушд ноил шудаанд.

Нишондиҳандаи асосии пешравии ҷамъияти инсонӣ аз инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда вобаста аст, ки дар навбати худ дараҷаи самаранокии истеҳсолотро муайян менамоянд. Аз қисми иқтисоди сиёсии назарияи иқтисодӣ маълум аст, ки қувваҳои истеҳсолкунанда ба табиат таъсир расонида, шакл ва хусусиятҳои захираҳои табииро дигаргун месозанд. Дар натиҷаи чунин таъсирот имкониятҳои қувваҳои истеҳсолкунанда оид ба офаридани неъматҳои моддӣ барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти одамон амалӣ карда мешаванд.

Яке аз намудҳои захираҳои табиӣ замин аст. Арзиши қитъаҳои замин ҳамчун омили зарурии истеҳсолот дар шакли заминҳои кишоварзӣ бо нархҳои кадастрӣ муайян карда мешавад [2, с. 69]. Ҳангоми чунин нархгузорӣ хусусиятҳои гуногуни замин, ба монанди ҷойгиршавӣ, маҳсулнокӣ ва ғайраҳо ба инобат гирифта мешаванд.

Хусусияти фарққкунандаи замин ҳамчун иқтидори иқтисодӣ дар он зоҳир мегардад, ки онро бо дигар захираҳои иқтисодӣ иваз кардан ғайриимкон аст. Мисол, меҳнати инсон бо кори мошинҳо, як намуди воситаҳои асосӣ ва гардон бо дигар воситаҳо иваз карда шавад, лекин замин захираи истеҳсолии ивазнашаванда аст.

Дар асоси суръати рушди афзоиши аҳолӣ гуфтан мумкин аст, ки захираҳои табиӣ, ба хусус замин барои аҳолии зиёдшаванда кифоят намекунад. Мувофиқи маълумоти омори расмӣ, дар солҳои охир дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд тамоюли камшавии заминҳои кишоварзӣ мушоҳида карда мешавад. Агар соли 1991 дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд 1058,5 ҳазор гектар заминҳои кишоварзӣ мавҷуд бошад, пас соли 2019 ин нишондиҳанда то 773,8 ҳазор гектар (ҷадвали 1) кам шудааст [3, с. 66]. Баробари камшавии заминҳои кишоварзӣ, чӣ тавре ки аз ҷадвали 1 маълум мегардад, коҳиши масоҳати заминҳои мазраъ ва чарогоҳ ба назар расида, масоҳати заминҳои алафдаравӣ дар давраи таҳлилшаванда бетағйир боқӣ мондааст.

Аз категорияҳои замини дар ҷадвали 1 овардашуда, ба ғайр аз замини ниҳолҳои бисёрсола камшавии масоҳати дигар намуди заминҳо ташвишовар мебошад. Чунин ҳолати азхудкунӣ ва истифодаи заминҳои корам хатари мустақимро ба бехатарии озуқаворӣ ва иқтисодии минтақа ифода мекунад.

Истифодаи самараноки замин ҳамчун омили истеҳсолот дар бисёр ҳолатҳо аз дараҷаи азхудкунии захираҳои зеризаминӣ вобастагӣ дорад. Дараҷаи азхудкунӣ дар

чунин маврид бо ченакҳо ва сифати истихроҷи боигариҳо аз қаъри замин ва тайёр намудани онҳо барои истифодаи истеҳсолот муайян карда мешаванд.

***Ҷадвали 1.*** *Масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ дар шаҳри Исфара (гектар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Масоҳати умумии замин | 83594 | 83594 | 83594 | 83594 | 83594 | 83594 | 83594 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Заминҳои кишоварзӣ | 19874 | 19800 | 19732 | 19784 | 19799 | 19832 | 19455 |
| Мазраъ | 4314 | 4270 | 4137 | 4137 | 4140 | 4074 | 3875 |
| Ниҳолҳои бисёрсола | 8888 | 8858 | 8969 | 9027 | 9039 | 9159 | 9437 |
| Чарогоҳ | 6672 | 6672 | 6626 | 6620 | 6620 | 6599 | 6143 |

***Манбаъ:*** *таҳия ва коркарди муаллиф тибқи маълумотҳои Раёсати омори шаҳри Исфараи Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд*

Ҳама олимони мамлакат қайд мекунанд, ки Тоҷикистон ва минтақаҳои он аз бисёр намудҳо ва захираҳои фоиданоки зеризаминӣ бой аст, ки онҳоро метавон ба соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт шомил намуд.

Шаҳри Исфара дорои иқтидори бузурги захираҳои табиӣ мебошад. Дар қаламрави шаҳр ангиштсанг, озокерит, фосфоритҳо, ашёи рангҳои молиданӣ, санги мармар, санги хоро, маводи сохтмонӣ (санг, хок, шағал, рег), оҳаксанг, хоки кулолӣ, нафт, газ, дигар канданиҳои фоиданок ва чашмаи обҳои мусаффои маъдании шифобахш мавҷуд аст [4, с. 17].

Мувофиқи маълумоти оморӣ солҳои охир маҳсулоти саноати истихроҷ ба ғайр аз ангишт, нафт ва гази табиии тамоюли пастравӣ дорад (ҷадвали 2).

***Ҷадвали 2.*** *Истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати истихроҷ дар шаҳри Исфара*

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2018 | нисбат ба соли базавӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ангишт (ҳазор тонна) | 36,6 | 39,2 | 41,9 | 45 | 50 | 54 | 61 |
| Нафт (ҳазор тонна) | 14840 | 14823 | 14600 | 14300 | 14371 | 14566 | 14800 |
| Гази табиӣ (ҳазор м$^3$) | 6670 | 6600 | 6630 | 6550 | 6500 | 6845 | 6880 |

***Манбаъ:*** *таҳия ва коркарди муаллиф тибқи маълумоти Раёсати омори шаҳри Исфараи Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд*

Тамоюли мушоҳидашавандаи сатҳи пасти азхуд намудани захираҳо имконият медиҳад қайд намоем, ки муаммои итстифодаи мақсадноки замин ва шиддатнокии истифодаи захираҳои табиӣ таҷдиди ҷараёнҳои технологиро пешбинӣ мекунад.

Дар асоси таҳлили замин ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа, метавон ба хулоса омад, ки барои иқтисодиёти минтақавии шаҳри Исфара норасоии захираҳои иқтисодӣ муаммо набуда, балки истифодаи ғайрисамарабахш ва ғайриоқилонаи он мушкилоти ҷиддӣ мебошад.

**Захираҳои меҳнатӣ** яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба ҷараёни истифодаи самараноки захираҳои иқтисодии минтақа мебошад. Захираҳои меҳнатӣ якҷоя бо

захираҳои табиӣ ва дигар захираҳо қувваи ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷамъиятро таъмин мекунад. Истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар ҳолате таъмин мегардад, ки агар барои инкишофи худи инсон ҳамчун дорандаи қобилияти меҳнатӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шаванд.

Мувофиқи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии мамлакат тамоюли устувори афзоишро дошта, суръати миёнасолаи афзоиш мувофиқан 2,4 ва 2,6% ташкил медиҳад [5, с.27]. Афзоиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ ба баланд шудани сатҳи шуғл оварда мерасонад (ҷадвали 3).

***Ҷадвали 3.*** *Тағйирёбии шумораи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд*

| **Нишондиҳандаҳо** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии муқимӣ (ҳазор нафар) | 241,6 | 248,3 | 254,5 | 258,9 | 261,7 | 268,3 | 270,4 |
| Суръати рушди шумораи аҳолӣ нисбат ба соли 2013 (бо иф. %) | 100 | 102,7 | 109,1 | 105,3 | 108,3 | 111 | 111,9 |
| Захираҳои меҳнатӣ (ҳазор нафар) | 160,6 | 165,1 | 169,1 | 172,1 | 173,9 | 178,3 | 179,4 |
| Суръати рушди захираҳои меҳнатӣ нисбат ба соли 2013 (бо ифодаи %) | 100 | 102,8 | 105,2 | 107,1 | 108,2 | 111 | 111,7 |
| Шумораи аҳолии дар иқтисодиёти минтақа машғули меҳнат буда (ҳазор нафар) | 34,5 | 36,8 | 39,5 | 42,1 | 43,9 | 48,3 | 49,4 |
| Суръати рушди шумораи аҳолии дар иқтисодиёти минтақа машғули меҳнат нисбат ба соли 2013 (бо ифодаи %) | 100 | 106,6 | 114,4 | 120 | 127,2 | 140 | 143,1 |

***Манбаъ**: таҳия ва коркарди муаллиф тибқи маълумоти Раёсати омори шаҳри Исфараи Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд*

Мувофиқи маълумоти ҷадвал шумораи аҳолии муқимӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 11,9% зиёд шуда, захираҳои меҳнатӣ 111,9% ва шумораи аҳолии дар иқтисодиёти минтақа машғули меҳнат буда 43,1% афзоиш ёфтаанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки соҳаҳои иқтисодиёти минтақавии шаҳри Исфара қобилияти таъмини захираҳои меҳнатии афзоишёбандаро бо ҷойҳои корӣ надорад.

Аз истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, истифодаи ҳамаи намудҳои иқтидорҳои истеҳсолӣ вобастагӣ дорад. Дар ин ҷода нақши асосиро бо баробари тавсифи миқдории захираҳои меҳнатӣ, тавсифи сифатии он иҷро мекунад. Пеш аз ҳама дар ин ҷо ҳосилнокии захираҳои меҳнатӣ ва тамоюли тағйирёбии он ба назар гирифта мешавад.

Ҳосилнокии меҳнатро дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб намудан мумкин аст:

$$\text{Ҳ.М.дар иқтисодиёти минтақавӣ} = \frac{\text{МММ}}{\text{Шумораи зах.мех.дар икт.мин.машгулбуда}} \quad (1).$$

ки дар ин ҷо МММ – маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ аст.

Аз рӯйи формулаи як тағйирёбии ҳосилнокии меҳнатро дар шаҳри Исфара ҳисоб

менамоем. Натиҷаи ҳисоб дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

***Ҷадвали 4.*** *Тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат (коркарди ММM ба ҳар як воҳиди захираҳои меҳнатии машғулбуда) дар шаҳри Исфара*

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММM (млн.сомонӣ) | 2032,9 | 2410,6 | 2316,7 | 2502,1 | 2485,5 | 2493,6 | 2568,7 |
| Шумораи захираҳои меҳнатии дар иқтисодиёти минтақа машғулбуда (ҳаз. нафар) | 18,114 | 16,990 | 14,429 | 14,095 | 13,815 | 13,93 | 14,16 |
| Ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёти минтақа (сомонӣ) | 112,2 | 141,8 | 165,2 | 160,5 | 179,9 | 178,3 | 181,4 |
| Тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат нисбат ба соли 2013 (бо ифодаи фоиз) | 100,0 | 126,3 | 147,2 | 143,0 | 160,3 | 158,9 | 161,6 |

***Манбаъ:*** *таҳия ва коркарди муаллиф тибқи маълумоти Раёсати омори шаҳри Исфараи Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд*

Аз маълумоти ҷадвал бар меояд, ки ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ ва ё коркарди ММM ба ҳар сари захираи меҳнатии бо кор машғулбуда тамоюли афзоишро дорад. Ин ҷо мо ҳосилнокии меҳнатро ба таври алоҳида дар соҳаи саноат ва кишоварзии шаҳр ҳисоб намудем. Маълум гардид, ки захираҳои меҳнатии машғули кор дар саноат нисбат ба захираҳои меҳнатии дар кишоварзӣ истифодашаванда ҳосилнокии зиёдтар дорад (ҷадвали 5).

***Ҷадвали 5.*** *Тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар саноат ва кишоварзии шаҳри Исфараи вилояти Суғд*

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсоли маҳсулот дар кишоварзӣ (млн. сомонӣ) бо нархҳои муқоисавии соли 2019 | 324,9 | 335,4 | 345,2 | 359,3 | 376,0 | 379,4 | 381,2 |
| Шумораи захираҳои машғули кор дар кишоварзӣ (нафар) | 4479 | 3964 | 3656 | 3485 | 3171 | 2849 | 2736 |
| Ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ (сомонӣ) | 7253,8 | 8461,1 | 9442,01 | 10309,8 | 11857,4 | 13316,9 | 13932,7 |
| Истеҳсоли маҳсулот дар саноат (млн. сом.) бо нархҳои муқоисавии соли 2019 | 195,9 | 230,1 | 270,2 | 279,2 | 296,6 | 363,7 | 365,4 |
| Шумораи захираҳои меҳнатии машғули кор дар саноат (ҳазор нафар) | 2734 | 2690 | 2572 | 2482 | 1986 | 1938 | 1911 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳосилнокии меҳнат дар саноат (сомонӣ) | 7165,3 | 8553,9 | 10505,4 | 11248,9 | 14934,5 | 18766,7 | 19120,8 |

***Манбаъ:*** *таҳия ва коркарди муаллиф тибқи додаҳои Раёсати омори шаҳри Исфараи Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд*

Муқоисаи ҳосилнокии меҳнат дар саноат ва кишоварзии шаҳри Исфара нишон медиҳад, ки дар соҳаи саноат ҳосилнокии меҳнат нисбат ба кишоварзӣ 2 маротиба зиёдтар аст. Аз ин ҷо бармеояд, ки истифодаи самараноки захираҳои меҳнат дар саноати иқтисодиёти минтақавии шаҳри Исфара нисбат ба кишоварзии ин минтақа самараноктар ба ҳисоб меравад.

**Омили соҳибкорӣ**. Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар таъмини рушди бонизоми иқтисодиёт нақши муҳим мебозад. Ин иддао исботи худро дар чунин мамлакатҳои пешрафта, ба монанди ИМА, Олмон, Ҷопон, Фаронса ва дигар давлатҳо ёфтааст. Аз мамлакатҳои ИДМ Ҷумҳурии Қазоқистонро номбар кардан мумкин аст, ки ҳукумати он дар солҳои охир, дар самти тараққӣ додани фаъолияти соҳибкорӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Ба туфайли ин тадбирҳо фазои сармогузорӣ дар мамлакат беҳтар гардид, ки он, дар навбати худ, ба ҷалби самоягузориҳои хориҷӣ мусоидат кард.

Солҳои охир соҳибкории истеҳсолӣ дар шаҳри Исфара омили муайянкунандаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа гардидааст. Дар байни корхонаҳои истеҳсолии хурд фаъолияти ҶДММ "Баракат Исфара", "Субҳи Ватан", "Висол Исфара", "Исфарафуд", "Экофрут-Исфара", "Чилфрукт", "Меваи тиллоӣ" , ки ба истеҳсол ва банду басти меваҳои хушк машғуланд, ҶДММ "Петролиум Суғд", ҶСК "Заводи спиртбарорӣ", ҶДММ "Заводи семент", ҶСШК "Нилуфар", ҶДММ "Исфарафарфор", ҶДММ "Ғишти Исфара", "Исфарасрхтмон", ҶСК "КМБ" ва ғайраҳо назаррас аст. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хурд ва хусусӣ, ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуд, хоҷагиҳо ва ҷамъиятҳои рафиқона дар шаҳри Исфара дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

***Ҷадвали 6.*** *Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хурд ва хусусӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд, хоҷагиҳо ва ҷамъиятҳои рафиқона дар шаҳри Исфара дар солҳои 2013-2019*

| **Нишондиҳандаҳо** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда (воҳид) | 152 | 183 | 198 | 183 | 198 | 203 | 207 |
| Шумораи коргарон (нафар) | 536 | 581 | 630 | 680 | 748 | 780 | 824 |
| Даромад аз маҳсулоти фурӯхташуда (ҳаз.сомонӣ) | 61526,6 | 66521,6 | 75184,3 | 95396,1 | 99899,6 | 101237,5 | 110526,4 |
| Даромад аз фурӯши мол ба 1 коргар, сомонӣ | 114 | 114,4 | 119,3 | 140,2 | 133,5 | 129,8 | 134,1 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои истеҳсолнамудаи корхонаҳои хурд дар ММM, % | 0,22 | 0,17 | 0,20 | 0,25 | 0,28 | 0,3 | 0,34 |

***Манбаъ:*** *таҳия ва коркарди муаллиф тибқи додаҳои Раёсати омори шаҳри Исфараи Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд*

Аз рӯйи маълумоти ҷадвали 6 ба хулосае расидан мумкин аст, ки дар шаҳри Исфара нишондиҳандаҳои рушди соҳибкории хурд сол аз сол беҳтар гардида истодаанд. Шумораи корхонаҳои хурд тӯли солҳои 2013-2019 дар минтақа 1,5 маротиба зиѐд гардидааст.

Дар масъалаи баҳодиҳӣ ба афзоиши самаранокии истеҳсолот ва натиҷаҳои молиявии он ҳосилнокии меҳнат ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба як нафар аҳолии доими истиқоматкунанда яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ маҳсуб мегардад. Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши мол ба як нафар коргар аз 114 сомонии соли 2013 дар соли 2019 ба 134,1 сомонӣ расидааст.

**Омили молиявӣ.** Акнун масъалаи самаранокии хароҷоти буҷети минтақаҳоро ба сатҳи рушди иҷтимоию-иқтисодӣ баррасӣ мекунем, зеро онҳо дар рушди иқтисодиёти кишвар барои расидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола нақши ҳалкунанда хоҳанд дошт. Барои амалӣ гардидани нақшаи чорабиниҳои молиявии давлат дар бахши иҷтимоӣ аз ҷониби давлатҳои дуру наздик кумакпулиҳо ҷудо мегарданд, аммо самаранокии масрафи ин маблағҳо нигаронкунанда мебошад.

Аз маълумоти оморӣ маълум аст, ки нисф зиёди хароҷоти буҷет ба соҳаҳои иҷтимоӣ (асосан тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ) равона карда мешавад. Солҳои охир захираҳои ба бахшҳо тақсимшуда ба таври оптималӣ тақсим карда нашудаанд ва сатҳи самаранокии функсионалии буҷет аз сабаби низоми заифи идора, мавҷуд набудани ҳавасмандӣ ва коррупсия ба қадри кофӣ рушд наёфтааст.

Арзёбии самаранокии хароҷоти буҷети минтақавӣ вобаста ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, яке аз омилҳои аз ҳамдигар вобаста мебошанд, чунки дар байни ин ду объекти таҳқиқшаванда нақши давлатро дар беҳтар намудани вазъи зиндагии аҳолӣ пайдо намудан мумкин аст. Имрӯзҳо вазифаи давлат асосан таҳияи лоиҳаи буҷет, таҳлили сатҳи макроиқтисодӣ ва истифодаи самараноки механизмҳои молиявии буҷети давлатиро дар бар мегирад, ки онҳо метавонанд ба рушди соҳаҳои дигари фаъолият низ таъсир расонанд. Дар рафти таъмини мувозинаи буҷет, ҳангоми банақшагирӣ, натанҳо нишондиҳандаҳои ҳарсолаи макроиқтисодӣ, балки самти тамоми давраи иқтисодии кишвар, аз ҷумла дараҷаи сатҳи пастравии иқтисодиёт ва марҳилаи рушди онро низ ба назар гирифтан зарур аст.

Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии сиёсати молиявии ҳукумати ҳар як минтақа расидан ба рушди устувории микроиқтисодӣ дар асоси танзим ва такмил додани низоми иҷроиши буҷети кишвар мебошад. Барои арзёбии рушди устувории буҷети минтақавӣ корҳои зеринро иҷро намудан лозим меояд: арзёбии сатҳи устувории сохтори даромад ва хароҷоти буҷети минтақавӣ; таъмини сохтори буҷети минтақавӣ ба воситаи вектори мавҷуда ва вектори ташкилшудаи ҳадаф; арзёбии муносибатҳои зичи байни векторҳо; муайян намудани иқтидори буҷети минтақавӣ дар давраи омӯзишӣ ва муайян намудани роҳҳои такмили самаранокии буҷети минтақавӣ мебошанд.

Бо вуҷуди ин, пеш аз муайян кардани роҳҳои самараноки хароҷоти буҷетӣ, яъне таъмини хизматрасонӣ ба ҷомеа зарур аст, ки тавозуни ҷузъҳои он ҳамчун ҳолати асосӣ барои таъмини устувории рушди иқтисоди миллӣ истифода бурда шавад. Мувозинат дар низоми буҷетӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои қиёсии байни даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ фаҳмида мешавад. Барои ҳалли вазифаҳои маҷмӯӣ, пеш аз ҳама, бояд буҷети ҳар як минтақа дар доираи қисмҳои даромаду хароҷот ва таҳлили буҷет барои муайян кардани норасоиҳо (каср) ё барзиёдии (профитсити) он арзёбӣ карда шавад. Ҳоло бошад, хароҷоти буҷети шаҳри Исфараро дар тӯли панҷ сол баррасӣ мекунем. (ниг. ба ҷадвали 7).

***Ҷадвали 7.** Мувозинати даромад ва хароҷоти буҷети шаҳри Исфара дар давраи солҳои 2013-2019 (млн. сомонӣ)*

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
| Даромади буҷети давлатӣ, ҳаз.сомонӣ | 100,5 | 118,14 | 125,6 | 91,87 | 96,52 | 97,0 | 98,1 |
| Хароҷоти буҷети маҳаллӣ, ҳаз.сомонӣ | 101,3 | 116,8 | 122,4 | 89,68 | 93,81 | 95,4 | 95,9 |
| Каср (барзиёдӣ/профитсит) | -1,3 | 1,34 | 3,2 | 2,19 | 2,71 | 1,6 | 2,2 |

Маълумоти ҷадвали 7 нишон медиҳад, ки буҷети шаҳри Исфара то соли 2013 бо каср ва дар солҳои минбаъда бо барзиёдатӣ (профитсит) иҷро гардид. Агар барзиёдии буҷет дар тӯли 7 сол бо шартҳои мутлақ ҳукмфармо бошад, пас ҳаҷми бузургтарини он дар соли 2019 мушоҳида мегардад, чунки дар соли 2019 фарқи ҷиддӣ дида мешавад. Масалан, профитсити буҷет дар соли 2019 2,2 млн.сомониро ташкил кард, ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2014 – 2 маротиба зиёд мебошад. Аз натиҷаи арзёбӣ айён гардид, ки номувозинатии буҷет (хусусан профитсити буҷет) дар вақти иҷрои он метавонад ба рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, омӯхтани ҳамаи унсурҳои иқтидори захиравии минтақаро ҷамъ-баст намуда гуфтан мумкин аст, ки онҳо бо ҳам алоқаманданд, дар ин робита омилҳое, ки ба рушди яке аз захираҳо таъсир мерасонанд, барои рушд ва муайянсозии дигараш асос мегарданд. Аз ин рӯ, маҷмӯи иқтидори захиравӣ афзалиятҳои рақобатии минтақаро таъмин мекунанд. Боз якчанд омилҳои таъсиррасон барои истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ мавҷуд аст, дар раванди тадқиқоти бурда истода, мо на ҳамаи онро дида баромада метавонем, аммо дар корҳои минбаъда ба нақша гирифта шудааст.

***Пайнавишт:***


1. *Давлатов Б.Р. Хусусияти рушди кооператсияи хоҷагии қишлоқ дар бахши кишоварзии Тоҷикистон. Авто-ти дисс-сия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе, 2018.-58 с.*

2. *Оқилов А.А. Самаранокии истифодабарии омилҳои истеҳсолот дар соҳаҳои минтақа(дар мисоли вилояти суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Хуҷанд, 2018.-143 с.*
3. *Омори шаҳри Исфараи сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Исфара, 2018. -93 с.*
4. *Барномаи рушди иқтисодӣ иҷтимоии шаҳри Исфара. – Исфара; Мақомоти иҷроияи Ҳукумати давлатӣ дар ш. Исфара, 2017. – 30 с.*
5. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2017.- 157 с.*

**_Reference Literature:_**

1. *Davlatov B.R. Features of the Development of Agrarian Cooperation in the Agricultural Sector of Tajikistan. Synopsis of candidate dissertation in economics. – Dushanbe, 2018. – 58 pp.*
2. *Oqilov A.A. Effective Use of Factors Aimed at Manufacturing in Regions (on the example of Sughd Viloyat of Tajikistan Republic). Candidate dissertation in economics. - Khujand, 2018.- 143 pp.*
3. *Statistics of Isfara-Town Registered by the Statistical Agency under the Auspices of Tajikistan Republic President in Sughd Viloyat. - Isfara, 2018. – 93 pp.*
4. *Social-Economic Development Program of Isfara-Town. – Isfara: Executive Body of the Government in Isfara, 2017. – 30 pp.*
5. *Annual Statistics of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2017. – 157 pp*